## Шарҳи моҳонаи таваррум • Августи 2022

**Дар моҳи августи соли 2022 сатҳи нархҳо[1] раванди коҳишёбӣ дошта, -1,2 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 1,6 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда пастравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ -2,5 фоиз (саҳм дар таваррум -1,3 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,3 фоиз (0,1 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) раванди болоравӣ доштанд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар коҳишёбӣ дар нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили нархи орди навъи якум 4,8 фоиз, равғани пахта 6,2 фоиз, равғани офтобпараст 2,5 фоиз, шакар 3,6 фоиз, себ 3,1 фоиз, ангур 16,2 фоиз, картошка 12,7 фоиз, пиёз 14,8 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ бинобар омилҳои мавсимӣ (оғоз гардидани соли нави хониш) бештар болоравии нархи либос ва пойафзол 0,3 фоиз, маҷалла, китоб, маводҳои конселярӣ 2,5 фоиз ва маводи шустушӯй 2,3 фоиз мушоҳида гардид.

Намояи нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешаванд, дар моҳи августи соли ҷорӣ 0,1 фоиз раванди болоравӣ дошт. Ба ин раванд бештар қиматшавии нархи хизматрасониҳои нақлиётӣ 0,2 фоиз мусоидат намуд.

Дар моҳи августи соли ҷорӣ тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 1,5 фоиз, Қазоқистон 1,4 фоиз, Белорус 0,1 фоиз, Қирғизистон 0,8 фоиз ва Гурҷистон 0,1 фоизро ташкил намуд.

**Таваррумисолона дар моҳи августи соли 2022 ба 6,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 2,9 б.ф. кам мебошад.**

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумисолона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум ва шакар, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Сатҳи таварруми солона дар ин давра дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 80,2 фоиз, Белорус 17,9 фоиз, Русия 14,3 фоиз, Қазоқистон 16,1 фоиз, Қирғизистон 15,6 фоиз, Ӯзбекистон 12,3 фоиз, Гурҷистон 10,9 фоиз ва Арманистон 9,1 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи августи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ монда, бо арзёбии солона ба 3,0 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум баҳри ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ минбаъд низ идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳои дахлдор)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (август 2022) | Таваррум янв.-авг. с.2022 | Таварруми солона (август с.2022) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 1,5 | 47,8 | 80,2 |
| Қазоқистон | 1,4 | 13,3 | 16,1 |
| Қирғизистон | 0,8 | 10,4 | 15,6 |
| Ӯзбекистон | 0,5 | 7,0 | 12,3 |
| Арманистон | 0,2 | 5,0 | 9,1 |
| Белорус | 0,1 | 13,8 | 17,9 |
| Гурҷистон | 0,1 | 8,1 | 10,9 |
| Русия | -0,5 | 10,4 | 14,3 |
| **Тоҷикистон** | **-1,2** | **3,3** | **6,5** |

**Таварруми аслии солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррум солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | | | | | | | | Август моҳона, % |
| | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,0** | **9,6** | **8,0** | **7,8** | **7,1** | **7,3** | **7,3** | **7,5** | **8,3** | **8,3** | **6,5** | **-1,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **6,8** | **6,4** | **7,2** | **7,5** | **7,5** | **9,6** | **9,7** | **8,0** | **-2,7** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 4,8 | 4,8 | 11,0 | 16,7 | 22,2 | 24,6 | 24,6 | 17,6 | -3,4 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -7,5 | -7,0 | -5,7 | -3,9 | -2,5 | -1,2 | -1,9 | -2,3 | 0,2 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 8,8 | 8,6 | 18,0 | 26,4 | 34,9 | 38,3 | 38,6 | 27,3 | -4,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 15,3 | 13,9 | 9,8 | 2,6 | 0,9 | 0,3 | -1,5 | -2,0 | 0,2 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 15,1 | 13,9 | 7,7 | -0,5 | -3,6 | -4,9 | -7,8 | -7,8 | 0,8 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -24,0 | -26,3 | -21,2 | -18,6 | -24,3 | -12,1 | 2,8 | 7,9 | 0,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 7,7 | 9,9 | 23,6 | 21,7 | 23,6 | 23,9 | 24,1 | 22,8 | 0,0 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 4,0 | 10,6 | 15,4 | 17,0 | 18,3 | 21,3 | 16,3 | 10,9 | -2,7 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 20,5 | 17,3 | 12,4 | 4,2 | 4,5 | 4,3 | 2,3 | -1,3 | -3,9 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -6,6 | -6,9 | -8,3 | -5,3 | -5,2 | -6,1 | -10,5 | -11,2 | -3,0 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 11,6 | 13,4 | 6,3 | 5,4 | -3,0 | 1,8 | 3,9 | 8,1 | -6,1 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 4,3 | 2,9 | 6,9 | 14,0 | 15,1 | 22,0 | 18,6 | 14,4 | -3,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 0,6 | 1,5 | 2,6 | 3,2 | 4,9 | 5,5 | 16,5 | 16,5 | 0,2 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,4** | **6,4** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **5,7** | **4,9** | **6,2** | **6,3** | **6,9** | **6,0** | **6,5** | **6,0** | **0,2** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **7,8** | **6,4** | **6,3** | **6,1** | **6,7** | **6,6** | **6,5** | **5,1** | **0,3** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 3,2 | 2,7 | 2,4 | 2,6 | 3,0 | 3,4 | 3,4 | 2,9 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 6,8 | 6,4 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 8,4 | 7,6 | -0,1 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,2 | 4,8 | 5,1 | 6,8 | 11,5 | 13,6 | 13,8 | 16,3 | 2,3 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 4,2 | 5,3 | 7,4 | 7,7 | 8,7 | 8,7 | 9,8 | 9,5 | -0,5 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 54,6 | 40,2 | 33,2 | 24,1 | 23,0 | 18,1 | 15,4 | -0,7 | -0,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 5,1 | 5,3 | 4,7 | 3,1 | 3,1 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 4,1 | 2,8 | 3,2 | 3,4 | 3,6 | 3,1 | 3,3 | 5,1 | 2,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **11,5** | **11,1** | **9,9** | **9,6** | **9,4** | **8,4** | **7,8** | **4,6** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 13,2 | 10,5 | 10,1 | 8,9 | 8,2 | 5,2 | 3,3 | -5,0 | 0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | -0,9 | -0,9 | 3,7 | 3,7 | 4,5 | 4,5 | 5,9 | 5,9 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 66,6 | 46,7 | 44,4 | 36,1 | 30,9 | 13,1 | 5,1 | -22,7 | 0,9 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 22,4 | 24,4 | 19,5 | 19,5 | 19,6 | 19,2 | 19,5 | 19,7 | 0,2 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,6 | -0,6 | -0,7 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 8,1 | 8,2 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,3 | 1,0 | 1,1 | 1,6 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 2,8 | 3,0 | 3,2 | 3,2 | 3,4 | 4,1 | 5,0 | 5,0 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо